10 02 22 ЯЗЫКИ НАРОДОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ЕВРОПЫ, АЗИИ, АФРИКИ, АБОРИГЕНОВ АМЕРИКИ И АВСТРАЛИИ

10 02 22 LANGUAGES OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES OF EUROPE, ASIA, AFRICA, NATIVES OF AMERICA AND AUSTRALIA

УДК 811.21/22
ББК 63.3(5Т)+81

РОҶЕЪ БА ТАЪЛИФИ КИТОБҲОИ ТАЪРИХИ ЗАБОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР ЭРОН

Исмоилов Олимхоҷа Бурҳонхоҷаевич,
сармуаллими кафедраи забон ва адабиёти форсии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)

К ВОПРОСУ ОБ ИЗДАНИИ ТРУДОВ ПО ИСТОРИИ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГОЯЗЫКА В ИРАНЕ

Исмаилов Олимходжа Бурханхольаевич,
старший преподаватель кафедры персидского языка и литературы ХГУ им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)

ON THE ISSUE OF EDITION OF THE WORKS ON THE HISTORY OF PERSIAN-TAJIK OF IRAN LANGUAGE

Ismoilov Olimkhoja Burhonkhojaevich,
senior lecturer of the department of the Persian language and literature under KhSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)
E-MAIL: *bion_86@mail.ru*

Калидвожаҳо: *забони форсӣ - тоҷикӣ, даврабандии таърихӣ, забоншиносии таърихӣ, таърихи забони форсӣ – тоҷикӣ, равияи таърихӣ ва тавсифӣ, муқоисаи забонҳо*

Мақолаи мавриди назар роҷеъ ба таълифи китобҳои таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ дар Эрон аст. Дар асоси як қатор осори мӯътамад, минҷумла «Таърихи забони форсӣ»-и Парвиз Нотили Хонларӣ, «Раҳнамои забонҳои бостонии Эрон» -и Муҳсин Абулқосимӣ, рисолаи Ҳасан Ризоии Боғбедӣ таҳти унвони «Таърихи забонҳои эронӣ» ва таълифоти арзишманди доктор Тақии Арронӣ «Такомул ва тағйири забони форсӣ» арзишҳои илмии таълифот ва ковишҳои муаллифони осори фавқуззикр собит карда шудааст. Аҳамияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки заҳмати устодони ин соҳа муфассал таҳлил мешавад. Зеро аксари ин таълифот дар Тоҷикистон дастрас нестанд ва ё доираи хурди мутахассисон аз он бохабаранд. Ҳамчунин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз нигоҳи илми забоншиносии имрӯза марҳалаҳои инкишофи таърихи забони форсӣ - тоҷикиро мавриди арзёбӣ қарор диҳад. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки асарҳову тарҷумаҳои омӯхташудаи як зумра аз забоншиносон яке аз бахшҳои бунёдии илми лингвистикаи таърихиву муосир маҳсуб меёбанд.

Ключевые слова: *персидско-таджикский язык, историческая периодизация, историческое языкознание, история персидско-таджикского языка, исторический и описательный метод, сравнение языков*

Исследуются труды, связанные с изучением истории персидско-таджикского языка в Иране. Затронут целый ряд надежных источников, в том числе "История персидского языка" Парвиза Нотила Хонлари, "Путеводитель по древним языкам Ирана" Мухсина Абулкосима, диссертация Хасана Ризои Богбеди "История иранских языков" и исследование доктора Такии Аррония "Совершенствование и изменение персидского языка", обоснована научная ценность произведений упомянутых авторов. Подробно анлизируются труды названных ученых, так как многие из этих произведений в Таджикистане доступны только узкому кругу специалистов. Также сделана попытка дать оценку этапам развития истории персидско-таджикского языка с точки зрения современного языкознания. В результате анализа сделан вывод, что изученные языковедческие труды представляют собой один из разделов современной исторической лингвистики.

Key words: *Persian-Tajik language, historical periodization, historic linguistics, history of the Persian-Tajik language, historical and descriptive method, comparison of languages*

The scientific productions connected with the exploration of the history of the Persian-Tajik language in Iran are considered in the article. Touching upon a number of available sources, including «The History of Persian Language» by Parviz Notili Khonlari, «Guiding in Regard to Ancient Languages in Iran» by Muhsin Abdulqosimi, dissertation of Hasan Rizoi Bohgbedi entitled «History of the Iranian Language» and the research belonging to Dr. Taki Arroni under the title of «Evolution and Alteration of the Persian Language», the author substantiates scientific values of the works of the above-mentioned authors. He analyzes in details the compositions of the outstanding scholars as most of the formers are available only for a narrow range of specialists in Tajikistan. Into the bargain, the author makes an endeavor to assess the stages of the history of the Persian-Tajik language development from the viewpoint of contemporary linguistics. Adducing the results of the analysis the author of the article comes to the conclusion that the studied linguistic works present one of the branches of modern historical linguistics.

Дар садаи бистум, ки садаи таҳаввул ва ташаккули комилан нави илми забоншиносӣ дар ҷаҳон маҳсуб меёбад, асосан ду равияи бузург дар ин илм буруз кард, ки яке таърихӣ ва дигаре тавсифӣ ё татбиқист, ки ҳар кадом боз ба гурӯҳҳое мухталиф тақсим мешаванд. Таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ, ки дар дарозои мавҷудияти худ мароҳили гуногунро аз сар гузаронидааст, таваҷҷӯҳи олимони чи хориҷӣ ва чи соҳибони ин забонро ба худ бисёр ҷалб намудааст. Дар баробари он ки донишмандон ва олимони зиёде, монанди Маликушшуаро Баҳор (5;6), Забеҳуллоҳи Сафо (16), Сируси Шамисо (17;18), Саид Нафисӣ (13) ва ғ. зимни осори чудогонаи худ дар мавриди таърихи забон ё ягон давраи мушаххаси он баҳсҳое кардаанд, таҳқиқоти ҳирфаии ҷудогона ҳам дар заминаи мазкур рӯи кор омадааст, ки ҷанбаҳои мухталифи таърихи забонро дар худ таҷассум кардааст. Азбаски соҳоти чунин таҳқиқот ҳам як андоза берун аз мавзӯи мо хоҳад буд, танҳо бо таҳқиқоте, ки дар сарзамини Эрони кунунӣ дар ин ҷода анҷом пазируфтааст, иктифо хоҳем кард.

Бегумон дар ҷараёни ба пажӯҳиши таърихи забон гароидани олимон ва донишмандони эронӣ саҳми Парвиз Нотили Хонларӣ, ки яке аз асосгузорони ин мактаб буду аз аввалинҳо шуда ба масъалаҳои таърихи забон муфассалан ва бо умқи ҳирфаӣ ручӯъ кард, назаррас аст. Таъсири Хонларӣ ба ҳадде маҳсус аст, ки имрӯз ҳам дар таълифоти олимони забоншинос, ки олимони тоҷик ҳам аз ин шумор берун нестанд, масъалаҳои дар илми забоншиносӣ бардоштаи ӯ мавриди таҳлилу баррасианд. Пеш аз он ки ба баррасии китобҳои дар ин масъала иншошуда пардозем, таъкид менамоем, ки таҳқиқоти дар ин замина рӯи кор омада асосан бар се пояанд. Яке, кутуби таърихи забон, ки маълумоти иҷмолӣ дар бораи даврабандӣ, забонҳои мухталифи роиҷи эронӣ, ҳиссаҳои нутқ ва хасоиси дигари забонҳо медиҳанд ва дигаре, китобҳое, ки дар мавриди ягон давраи мушаххас, таҳаввули ягон ҳиссаи ҷудогонаи нутқ дар давраҳои мухталиф бо қаринабандиву муқоисасозӣ бо адвори дигар ва ҳамчунин масъалаҳо баррасӣ мешаванд. Савум, китобҳои дар ин замина таълифнамудаи мусташриқон, ки дар Эрони имрӯз тарҷума шудаанд.

Парвиз Нотили Хонларӣ аз пешгомтарин олимоне маҳсуб мешавад, ки дар ҷодаи таълифи кутуби таърихи забони форсӣ қадам бардошта ва китоби “Таърихи забони форсӣ”-и ӯ дар муҷалладоти мухталиф дар Эрон борҳо нашр шудааст. Азбаски муаллифи мазкур дар таълифи китоб, ки маводи онро даста-даста ба нашр расонидаасту таъҷиле ҳам дар ин ҷода доштааст, ҷилди аввали китоби мазкур ҳафт маротиба рӯйи нашрро дидааст. Охирин нашри китоби мавриди назар ба дасти худи устод Хонларӣ соли 1365 дар се муҷаллад аст, ки маводи асосии кори мо ҳам маъхуз аз ҳамин нашр мебошад ва то он ҷо, ки худи муаллиф ҳам дар пешгуфтори китоб ишора намуда, нашри комилтарини китоби “Таърихи забони форсӣ” ҳамин мебошад. Таҳқиқоти Нотили Хонларӣ бар се пояи муҳим ниҳода шудааст: маълумот, мавод (и забонҳои гузашта) ва баҳси муфассал сари калима (ё ягон ҳиссаи нутқ).

Дар китоби мавриди таҳқиқи мо масоили мубрами таърихи забони форсӣ, таҳаввулу инкишофи он аз замони қадим, шарҳи баъзе истилоҳоти забоншиносӣ, равандҳои ҷудошавии забонҳои эронӣ аз ориёӣ, мавқеи забонҳои эронӣ пеш аз вуруди арабҳо, мабоҳиси гӯишҳо ва забонҳои эроние, ки пас аз ислом дар қаламрави эронзамин арзи вуҷуд кардаанд, вижагиҳои наҳвию луғавӣ ва фонетикии забони форсии дарӣ баъди истилои муғул баъзе масъалаҳои забони форсии муосир, таҳаввулу дигаргуниҳои он, забони форсӣ дар кишварҳои ҳамзабону ҳамсоя, монанди Тоҷикистон, Афғонистон, Шибҳи Қора таҳқиқу баррасӣ шудааст. Муаллифи «Таърихи забони форсӣ» кӯшида, то масъалаи таърихи забонро аз оғози он баррасӣ кунад, яъне аввал истилоҳоти аввалиндараҷаи умуми забоншиносиро шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки мафҳумҳои бунёдии забон бар он асос ёфтааст. Зимни чунин шарҳу тавзеҳ муҳаққиқ баъзе нукотро бо далелҳои мантиқӣ, таърихӣ ва қиёсӣ собит мекунад. Масалан, барои муайян кардани таърихи пайдоиш ва инкишофи хат Парвиз Нотили Хонларӣ ба мактуби сарвари яке аз қабилаҳои сурхпӯстони Амрико ба президенти Амрико истидлол намуда, бо таҳлилу маънидоди номаи мазкур нишон медиҳад, ки тафаккури инсоний чӣ гуна зина ба зина хатҳои гуногунро кашф кард ва имрӯз мавқеи хат барои ифодаи маъно то кадом дараҷа зарур аст (15,ҷ.1,с. 6-9). Аз дигар сӯ, он чӣ ки шеваи таҳқиқи Хонлариро имтиёз мебахшад, фахомати омӯзиш ва далоили ӯ зимни баёни андешаҳои гуногун аст. Масалан, муҳаққиқ пеш аз шурӯъ кардан ба ковишҳои таърихи забон, ба баррасии мушаххаси бахши фонетикаи забони форсӣ пардохта (15,ҷ.1,с. 10-60) муҳимтарин масоили савтиётро ба риштаи таҳқиқ мекашад ё ин ки дар баробари ҳар забон ба мавҷудияти лаҳҷаву шеваҳои мухталиф

ишора кардани ӯ (15,ҷ.1,с.70-72) ва рафта-рафта ба забонҳои мухталифи мустақил мубаддал шудани он шеваву лаҳҷаҳо, ки бо далели мафҳуми «пракрит», ки дар баробари вожаи «санскрит» мавҷуд буда, маънои забони омиёна доштааст (15,ҷ.1,с.135-36) дар баробари садҳо мисолҳои дигар оварда мешавад.

Дигар масъалае, ки ин ҷо бояд матраҳ шавад, маводоварии Хонларӣ дар китоби "Таърихи забони форсӣ" аст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки китобро бо фарогирии ҳар чи бештари маводи таърихӣ фароҳам оварад. Масалан, агар танҳо забони форсии бостонро гирем, метавон бо дилпурӣ гуфт, ки тамоми осори боқимонда аз забони порсии бостон дар китоби мавриди назари мо ҷамъ омада ва ба дастаҳо ҷудо шудааст. Дастаҳои бузург осори марбут ба шоҳон мебошад, ки дар ин радиф номи Дороюши аввал, Хашоёршо, Ардашери аввал, Дороюши дувум, Ардашери дувум ва Ардашери савум сабт гардидааст. Сипас дастаҳо ба зердастаҳо тақсим мешаванд. Дар зердастаҳо асмои макони ёфтгардидаи осори марбут ба шоҳон таҷассум шудаанд. Масалан, аз Дороюши аввал катибаҳо дар чунин амокин пайдо гаштаанд: Дар Бесутун (Кирмоншоҳ), Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Шуш, Суз, кӯҳи Алванд ва дар Ҳамадон. Муаллиф дар бораи ҳама осор мекӯшад маълумоти дақиқ диҳад. Чунонки дар мавриди катибаи Дороюши аввал, ки аз Шуш ёфт шудааст, мегӯяд: «Навиштаҳои Дороюши аввал дар Шуш, ки рӯи сангҳо ва сутунҳо, ё қитаъоти мармар, ё лавҳаҳои гилии пухта ва сафоли луобдода манқуш аст, бештари онҳо ба ҳамон се забон аст (яъне порсӣ, эламӣ, аккадӣ – И.О.). Аммо баъзе ба порсиву аккадӣ ва баъзе низ танҳо ба порсӣ аст. Аз баъзе навиштаҳо низ чанд нусха ба даст омадааст» (15,ҷ.1,с.167). Дар дигар маворид пажӯҳишгар на танҳо макони ҷойгиршавии осори бозмондаро дақиқ мекунад, яъне танҳо бо овардани макони он, мисол кӯҳи Алванд, иктифо накарда, балки мавқеи ҷуғрофии катиба ва чигунагии ҳолати онро муайян менамояд:

«Дар кӯҳи Алванд сангнавиштае ба се забон, ҳар кадом дар 20 сатр. Рӯи тоқча-монанде, ки бар баданаи кӯҳи Алванд дар ҷануби шарқии Ҳамадон тарошидаанд» (15,ҷ.1, с.168).

Аммо ҷолибтарин нуктаи пажӯҳишоти Хонларӣ дар баҳсҳои ӯст, ки пиромуни вожагони алоҳида оварда мешавад. Маҳз дар ҳамин баҳсҳо анбӯҳи маълумот ва омӯхтаҳои муаллифи китоб пешорӯи хонанда боз мешавад ва чи андоза диди илмӣ доштан, масъаларо аз ҳар дид баррасӣ кардан ва бархӯрди ӯ бо маводи мавҷудаи таърихи забон равшан мегардад. Чунончи, дар баҳси ҳуруфи истифҳом, ки, фикр мекунам, аз мухтасартарин бахшҳои китоб аст, ин нукта возеҳ мешавад (15,ҷ.3, с. 272-280). Дар он муаллиф вожаи "оё"-ро оварда, бо забонҳои гуногуни ҳиндуаврупоӣ қиёс мекунад ва қаринаҳои онро аз забонҳои мазкур меорад, сипас ҷойгоҳи онро дар сохтмони ҷумлаи форсӣ баён намуда, ба баҳсу ковишҳои таърихии он рӯ меоварад (15,ҷ.3, с.272-273). Хонларӣ нигоштааст, ки "дар забонҳои эронии бостон ва забонҳои эронии миёна монанди бисёре аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ қайди пурсиши ҷумла бо калимаи хосе баён намешуда" ва аз ин рӯ вожаи "оё" ва дигар ҳуруфи истифҳом дар забонҳои гузашта қарина надоранд (15,ҷ.3, с. 273). Ё ин ки дар мавриди феъл ковишҳои Хонларӣ шоистаи таҳсину офаринанд. Чунончи дар бахши "Таҳаввули таърихии сохтмони феъл" ҳиссаи мазкури нуткро дар зовияи забонҳои мухталифи қадима мегузорад ва сайре дар ташаккули он менамояд. Чунончи, дар мавриди истифодаи феъл дар забони паҳлавӣ чунин андеша дорад, ки сохтмони феъл дар он асосан ба ду равиш буда, ки яке "ба охири исм ҷузъи "-ин" афзуда мешавад ва он гоҳ ҷузъи сарфии сиғаҳои мухталиф меояд. Монанди:

Озор – озорин –озоринидан = вайрон кардан

Офарин – офаринин – офарининидан = дуо кардан

Огоҳ – огоҳин – огоҳининидан = огоҳ кардан...” (15,ҷ.2, с. 182).

Ва дигаре он аст, ки “ҷузъи сарфӣ бе воситаи ҷузъи дигар ба охири исм мепайвандад ва феъл месозад. Монанди:

Аёс – аёсидан = ба ёд овардан

Кин – кинидан = кин доштан” (15,ҷ.2, с. 183).

Дар се нуктаи асосие, ки мутаваҷҷеҳ шудем, мисолҳои фаровоне дар китоби Хонларӣ мавҷуд ҳастанд, ки барои тӯл накашидани баҳс аз овардан ва баррасии онҳо худдорӣ намудем. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки Хонларӣ ба умдатарин масоили таърихи забон, аз қабили забонҳои эронии бостон, фарқи паҳлавӣ ва порсӣ, инкишофу таҳаввули забони дарӣ ва ғайраҳо бо услуби муқоисавӣ–таърихӣ даст зада, комёб шудааст, то ин масъалаҳо ва бархе масоили дигарро амиқану дақиқан ва бо услуби хосса шарху тавзеҳ диҳад. Ба гуфтаи Шафеи Кадканӣ «он чиро Маликушшуаро Баҳор «Сабкшиносии наср» номида буд, ба дида илмитар ва услуби равишмандтар Хонларӣ бо номи «Таърихи забони форсӣ» фароҳам овард, ки ояндагон ҷуз такмили он илоҷе нахоҳанд дошт, зеро бунёди корро устувортар аз он бардоштааст, ки битавон кори ӯро ҳатто сад соли дигар нодида гирифт ва ин тавфиқи андаке нест…» (8, с. 91). Аз ин боис ҷои шакку тардиде буда наметавонад агар дар китобҳои оянда таъсири вофири устод Хонларӣ баррасӣ шаванд.

Чунонки мо иттилоъ пайдо кардем, пас аз нашри китоби “Таърихи забони форсӣ”-и Парвиз Нотили Хонларӣ устод Муҳсин Абулқосимӣ ҳам китоби мухтасаре бо ҳамин ном ба нашр расонидааст (2). Мухтасар будани китоби мазкур агар аз як ҷиҳат аз сабаби он буда, ки муаллиф дар китоби “Раҳнамои забонҳои бостонии Эрон” матнҳои аз забонҳои гуногун барҷоймондаро нашр намуда ва зарурати такрори онҳоро (ҳамчун устод Хонларӣ) дар зимни китоб зарур намешумурда, аз сӯйи дигар, ба баҳсҳои муфассал напардохтани Абулқосимӣ ин нуктаро равшан мекунад. Чунончи, ҳини маълумот роҷеъ ба ин ё он забонҳои бостон ӯ ба мухтасарбаёнӣ бисёр такя меорад ва зимнан намехоҳад, ки маълумоти Хонларӣ ва дигаронро такрор намояд. Китоби мазкури Абулқосимӣ, ки пештар дар шакли мақолоти алоҳида дар маҷаллаи илмии “Ошно” (шумораҳои 11, 12 ва 13 соли 1372) ба нашр расида буд, нуктаеро муҳаққақан собит месозад, ки ӯ дар иншои китоби мазкур бар таълифи Нотили Хонларӣ назарҳое доштааст ва услуби пешгирифтаи ӯ ҳам як андоза ба услуби Хонларӣ қаробат дорад. Чунончи, дар даврабандии забонҳо ва дастабандии онҳо, хусусиятҳои забонҳои ҷудогона, ҷадвалкашии сомитҳо ва мусаввитҳо ва амсоли ин масоил, ки якандоза масоили баҳснок ҳам ҳаст, муаллифи мавриди назар куллан бо Хонларӣ ҳамақида аст ва инро дар навиштаҳои худ ҳам инъикос кардааст (3, шумораи 11, с. 24-27). Чунонки ишора рафт, муаллиф ба таври мунтахаб маводеро сабт мекунад, вале ҳангоми тавзеҳи маводи сабтшуда ба баҳсҳои муфассал мепардозад. Ӯ зимни шарҳ аз ҳар воситаи мавҷуди замони имрӯз дар тавзеҳи мавод мекӯшад ва кори худро муназзам ва бо радабандии зинавӣ анҷом медиҳад, ки кори пажӯҳишгарро осон мекунад. Масалан, ӯ аввал маводро иқтибос мекунад, сипас алифбои онро меорад, сомиту мусаввитро ҷудо менамояд, сохтмони забонии маводро муайян месозад, вожаҳоро дар алоҳидагӣ шарҳ медиҳад ва пас он тарҷумаи матнро зикр месозад (3, шумораи 11, с. 26-33). Аз дигар муҳассаноти кори Абулқосимӣ он аст, ки муаллифи номбурда дар поёни китоби худ ба решашиносии вожагони форсӣ пардохта, қаринаҳои онро аз забонҳои форсии бостон ва форсии миёна ҷустуҷӯ кардааст (3, шумораи 11, с. 14-18).

Китоби “Таърихи забони форсӣ” - навиштаи Меҳрии Боқирӣ аз ҷумлаи китобҳоест, ки дар Эрони имрӯз ба масъалаи таърихи забон баҳси муфассал мекунад (8). Ин китоб бар ду бахш тақсим шуда, бахши аввал ба таҳаввули забон, сабабҳои таҳаввулу ташаккули забон ва дигаргуниҳои забонӣ, давраҳои таърихии таҳаввули забонҳо ва амсоли ин масъалаҳо ихтисос дорад. Бахши дувуми китоб ба баррасии иҷмолии дигаргуниҳои овоӣ, сарфӣ ва наҳвии забони форсӣ дар давраҳои бостон, миёна ва ҷадид бахшида шудааст. Аз ҳамин банду басти китоб ва тарзи матраҳ кардани масъала ҳам ба содагӣ метавон пай бурд, ки муҳаққиқ бар кори анҷомдодаи Хонларӣ ва пешинагони худ назар дошта, ба сабаби он ки риштаи забоншиносии таърихӣ аз зумраи риштаҳои ҷадидтари ин илм маҳсуб мешавад, бар он даст задааст. Чунончи, худи ӯ навишта: “Таърихи забон дониши навинест, ки дар миёни улуми адидаи инсонӣ муваффақияти хос ва қобили таваҷҷуҳе ёфтааст... Таҳқиқ ва татаббӯ дар бораи пешинаи забонҳо, суратҳои мухталифи ҳар забон дар замонҳои мухталиф, шинохти тағйироту таҳаввулоти забонҳо ва ёфтани қавоиду қавонини ҳоким бар ин таҳаввулот дар маҳдудаи кори забоншиносии таърихӣ қарор дорад” (8, с. 5).

Муҳаққиқи дигаре, ки дар раванди густариши забоншиносии таърихӣ саҳми басазо дорад, Ҳасан Ризоии Боғбедӣ мебошад, ки ахиран хидматҳои мухталифи худро, ки пештар дар шакли мақолаҳову тарҷумаҳои осори марбут ба ин шохаи илми забоншиносӣ буд, бо навиштани китоби “Таърихи забонҳои эронӣ” (7) як андоза ҷамъбаст намуд. Китоби ӯ аз муқаддима ва 7 бахш иборат буда, дар бахшҳои китоб муаллиф роҷеъ ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ, забонҳои ориёнӣ, забонҳои оғозини форсӣ, забонҳои бостони эронӣ, забонҳои эронии миёнаи шарқӣ, забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ ва забонҳои эронии нав маълумот медиҳад. Муаллиф тибқи анъана дар бахши аввали китоб дар бораи кашфи робитаи байни забонҳои ҳиндуаврупоӣ суҳбат карда, дар поёни қисмати мазкур чанд забони қадимаи мутааллиқ ба ин оилаи забонҳоро зикр месозад (7, с. 7). Дар бахши ду ва се дар мавриди қавмҳои ориёнажод ва таърихи кӯчбандии онҳо ва забонҳои “оғозини ҳинду эронӣ” (7, с. 12) ва сохти “оғозини забонҳои эронии бостон” (7, с. 19) ковиш ба анҷом расидааст. Он чи, ки кори Ҳасани Ризоиро аз дигарон имтиёз мебахшад дар он аст, ки ӯ ба баҳсҳои муфассали сарфиву наҳвии забонҳои эронии бостон, сакоӣ, модӣ, авастоӣ ва забонҳои эронии давраи миёна пардохта, онҳоро аз лиҳози сохту таркиби чумлаҳо ба ҳам мавриди киёсу баррасӣ қарор додааст. Бахшҳои чоруму панҷум ва қисмате аз бахши шашуми китоби ӯ ба ҳамин баҳсу ангезаҳо ихтисос дорад ва як андоза қимати китоби ӯ ҳам дар ҳамин мавридҳо бештар мегардад. Ӯ мисли Абулқосимӣ ва Боқирӣ ба такрори ҷадвалҳои тартибдодаи Хонларӣ напардохта, корҳои муҳими дигареро дар ин сомон рӯи кор овардааст. Бо ин ҳама, дар бисёр маворид обишхури аслии ӯ китобу пажӯҳишҳои Хонларӣ ҳам будааст, ки дар зимни маълумоту баҳсҳои даврабандии забонҳо ва ҳатто бархе маворидии баҳси мустақилонаи ӯ роҷеъ ба сарфу наҳви ҷумалот ва қиёси онҳо дар давраҳои мухталиф майлоне ба андешаҳои Хонларӣ мекунад (7, с. 150).

Ба ғайр аз ин китобҳо, ки ном бурда шуд, бисёр пажӯҳишҳое ҳастанд, ки хоси як давраи забон ё як ҳиссаи онанд, аммо зимнан мабҳаси таърихӣ доранд ва аз ин лиҳоз зикри баъзе аз онон ин ҷо аз аҳамият холӣ нест. Ба қалами доктор Тақии Арронӣ китоби арзишманди “Такомул ва тағйири забони форсӣ” иншо шудааст (4), ки баҳсҳои фалсафӣ ва дидҳои ҷомеашиносии ӯро роҷеъ ба адвори мушаххаси забони форсӣ таҷассум мекунад. Ҳамчунин, китобҳои “Раҳнамое бар забонҳои бостонии эронӣ”-и Мӯҳсин Абулқосимӣ (1), “Радашиносии забонҳои эронӣ”-и Муҳаммади

Дабирмақдам (9), “Даромаде бар гӯишшиносӣ”-и Алиакбари Шерӣ (19) ва мақолаҳои “Мулоҳизоте чанд дар бораи вачҳи иштиқоқи номи Авасто” (Меҳрии Боқирӣ), “Муаррифии забонҳо ва гӯишҳои Эрон (Ҳасан Ризоӣ),“Забони дарӣ” (Баҳор), “Татаввуроти забони форсӣ дар зимни 29 қарн” (Баҳор), “Хостгоҳи забони форсии дарӣ Форс ё Хуросон?” (Тақӣ Ваҳидиёни Комёр), (Алиашрафи Содиқӣ), “Забони форсӣ ва гӯишҳо” (Аҳмади Тамимдорӣ) ва “Нигоҳе ба гӯишномаҳои Эрон” “Таквини забони форсӣ” (Алиашрафи Содиқӣ), “Баррасии низоми вожабастии замирӣ дар таърихи забони форсӣ ва илали таҳаввули он” (Абулфазли Музайянонӣ ва Шаҳло Шарифӣ) ва амсоли ин қобили зикр ва мулоҳиза мебошанд. Дар ҳар як аз ин мақолаву китобҳо бахшҳое аз таърихи забон ё умуман бахшҳои аз забон дар маърази забоншиносии таърихӣ таҳқиқ шудаанд. Шоистаи зикр аст, ки агар муаллифи ин сатрҳо тамоми мақолоте, ки дар ин ҷода ба қалами донишмандону донишмардони эронзамин таълиф шудаанд, биёварад, сухан ба тафсил мекашад ва аз ин рӯ ба зикри муҳимтарини инҳо, ки ба таърихи забон ва ё ягон шохаи мушаххаси он алоқаманданд, иктифо намуд.

Дар баробари ин, авомили дигаре ҳам мавҷуд буда, ки саҳми назарраси худро дар пешрафти ин шохаи илми забоншиносӣ дар Эрон дорад. Пеш аз ҳама бояд мутазаккир шавем, ки шохаи забоншиносии таърихӣ дар Аврупо пайдо шуда ва пеш аз манотиқи Шарқ дар он ҷо рушд кардааст. Ин омил бегумон вуруди ин шохаро аз аврупоиён бар забоншиносии эронӣ тасдиқ мекунад. Аз ин боис, метавон зикр намуд, ки яке аз сабабҳои дар Эрони имрӯз рушду таҳаввул намудани шохаи забоншиносии таърихӣ ҳам маҳз дар тарҷумаи онон аз осори илмии дар ин росто таълифкардаи аврупоиён аст. Масалан, профессор Никола Раст китоби “Пайдоиши замоири форсӣ”-ро таълиф карда, ки он ҳанӯз соли 1955 ба форсӣ тарҷума шуда буд (14). Дар он муаллиф роҷеъ ба ҷонишинҳои забони форсӣ ва таърихи пайдоишу таҳаввулу татаввури онон дар лаҳҷаҳои гуногуни таърихии забони форсӣ ва бахше аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ маълумот медиҳад. Чунончи, ӯ дар бораи танҳо замири фоилии “ман” 6 саҳифа маълумот дарҷ мекунад (14, с. 6-12), ки зимни он сайри таърихии “ман” дар забонҳои эронӣ, дар шеваҳои имрӯзаи роиҷи эронӣ ва қиёси он бо бархе забонҳои ҳиндуаврупоӣ, амсоли туркӣ, курдӣ ва ғайра сурат гирифтааст. Ногуфта намонад, ки муҳаққиқ калимаҳое, ки бо замири мазкур дар соири забонҳои дунё сохта шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида, наздикию робитаи забонҳои мухталифро бо усули қиёси чунин калимаҳо ба хонанда пешниҳод мекунад (13, с.8). Ҳамчунин, китобҳои Лазар Жилбер “Шаклгирии забони форсӣ” (12), Кристафер Брунар “Наҳви забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ” (11), Ҳарн Пол “Асоси иштиқоқи форсӣ” (20) ва пажӯҳишоти И.М. Оранский, Вилям Гемвел, Дресден Марк, В.С. Расторгуева, Р.М.Гиршман ва дигарон дар ин бахш таъкид карданианд.

Хулоса дар Эрони имрӯз илми забоншиносӣ ва, махсусан, шохаи забоншиносии таърихӣ бисёр рушд карда, аз ҳар ҷиҳат имрӯз тавсиа ёфта истодааст, ки дар ин ҷода саҳми яке аз забоншиносони номии ин диёр Парвиз Нотили Хонларӣ бисёр маҳсус аст. Ногуфта намонад, ки маҳз тавассути китоби “Таърихи забони форсӣ”-и ин муаллиф ва бархе авомили дигар, ки ин ҷо мухтасар ҳар яке ном бурда ва тавзеҳ дода шуд, ин шохаи илм ба зинаҳои нави мустақилият ва комёбиҳо расид. Чунонки зикр карда омад, тамоми олимоне, ки пас аз Нотили Хонларӣ ба иншои кутуби илмӣ дар шохаи забоншиносии таърихӣ пардохтаанд, кам ё беш ба китобу таълифоти ин олими тавоно назар доштаанд.

Пайнавишт:

1. *Абулқосимӣ, Мӯҳсин. Раҳнамое бар забонҳои бостонии эронӣ. –Теҳрон: Интишороти Ҷамолулҳақ, 1375. – 270с.*
2. *Абулқосимӣ, Мӯҳсин. Таърихи забони форсӣ. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1380. – 350с.*
3. *Абулқосимӣ, Мӯҳсин. Таърихи забони форсӣ . //Ошно. - №11 (хурдод-тир) - 1372. – с.22-30.*
4. *Арронӣ, Тақӣ. Такомул ва тағйири забони форсӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1330. – 370с.*
5. *Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Забони дарӣ //Ҳаждаҳ мақола. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. - С. 8-13.*
6. *Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. Ҷ.1. - Теҳрон: Амири Кабир, 1391. – 467с.*
7. *Богбедӣ, Ҳасан Ризоӣ. Таърихи забонҳои эронӣ. –Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1388. – 239 с.*
8. *Боқирӣ, Меҳрӣ. Таърихи забони форсӣ. –Теҳрон: Қатра, 1373. – 207 с.*
9. *Дабирмақдам, Муҳаммад. Радашиносии забонҳои эронӣ. – Теҳрон: Интишороти Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии донишгоҳҳо, 1392. – 668с.*
10. *Иттиҳод, Ҳушанг. Пажӯҳишгарони муосири Эрон. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1378. -518 с.*
11. *Кристафер Брунар. Наҳви забонҳои эронии миёнаи гарбӣ. /Тарҷумаи Саид Урён. – Теҳрон: Фирдавс, 1376. – 286с.*
12. *Лазар, Жилбер. Шаклгирии забони форсӣ /Тарҷумаи Маҳастии Баҳрайнӣ.-Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1384. – 245с.*
13. *Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Ҷ.1. - Теҳрон: Интишороти Фуругӣ, 1363. – 1172 с.*
14. *Раст Никола. Пайдоиши замоири форсӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Машҳад, 1333. – 162с.*
15. *Хонларӣ, Парвиз Нотили. Таърихи забони форсӣ. Ҷ.1-3. - Теҳрон: Фирдавс, 1377.*
16. *Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон (ва дар қаламрави забони порсӣ. Аз огози садаи даҳум то миёнаи садаи дувоздаҳуми ҳиҷрӣ). Ҷ. 5, бахши 2. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373ҳ. – 636-1420с.*
17. *Шамисо, Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ. –Теҳрон: Андеша, 1374.*
18. *Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър. - Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374. – 430с.*
19. *Шерӣ Алиакбар. Даромаде бар гӯишшиносӣ. – Теҳрон: Интишороти Мозёр, 1386. – 176с.*
20. *Ҳарн Пол. Асоси иштиқоқи форсӣ /Тарҷумаи Ҷалол Холиқии Мутлақ. –Теҳрон: 1356. – 190с.*

Reference Literature:

1. *Abulqosimi, Muhsin. Guiding in Regard to Ancient Languages in Iran. – Tehran, 1375hijra. – 270 pp.*
2. *Abulqosimi, Muhsin. History of the Persian Language. - Tehran: Asotir publishing-house, 1380hijra. – 350 pp.*
3. *Abulqosimi, Muhsin. History of the Persian Language //Oshno. - # 11. 1372hijra. – pp. 22 – 30.*

4. *Arroni, Taki. Evolution and Alteration of the Persian Language. - Tehran: Asotir publishing-house, 1330hijra. – 370 pp.*
5. *Bahor, Muhammadtaqi. Dari Language // Eighteen Articles. - Khujand: Light of Enlightenment, 2008. – pp. 8 – 13.*
6. *Bahor, Muhammadtaqi. Stylistics. – V.1. - Tehran: Great Amir, 1391hijra. – 467 pp.*
7. *Boghbedi, Hasan Rizoi. History of Iranian Languages. - Tehran: Centre of Great Islamic Encyclopedia, 1388hijra. – 239 pp.*
8. *Boqiri, Mehri. History of the Persian Language. - Tehran: Drop, 1373hijra. – 207 pp.*
9. *Dabirmaqdam, Muhammad. Classification of Iranian Languages. - Tehran: Islamic Sciences Publishing-house, 1392hijra. – 668 pp.*
10. *Ittihod, Hushang. Modern Researchers of Iran. - Tehran: Modern Culture, 1378hijra. – 518 pp.*
11. *Kristopher Bruner. Grammar of Middle Western Iranian Language / Translated by Said Uryon. - Tehran: Firdaws, 1376hijra. – 286 pp.*
12. *Lazar, Zhilber. Formation of the Persian Language / Translated by Mahastii Bahrayani. - Tehran: Institute of Islamic Sciences and Cultural Conversations, 1384hijra. – 245 pp.*
13. *Nafisi, Said. History of Prose and Verse in Iran and in Persian Language. – V.1. - Tehran: Furughi publishing-house, 1363hijra. – 1172 pp.*
14. *Rast Nikola. Rise of Persian Pronouns. - Tehran: Mashhad University publishing-house, 1333hijra. – 162 pp.*
15. *Khonlari, Parviz Notili. History of the Persian Language. – V.V. 1-3. - Tehran: Firdaws, 1377hijra.*
16. *Safo, Zabehulloh. The History of Literature in Iran (Referring to Persian Language State. From the Beginning of the X-th up to the Middle of the XII-th Hijra Centuries). – V.5. – P.2. - Tehran: Great Amir, 1373hijra. – 636 – 1420 pp.*
17. *Shamiso, Surus. Collection on Stylistics. - Tehran: Idea, 1374hijra.*
18. *Shamiso, Surus. Poetic Stylistics. - Tehran: Firdaws publishing-house, 1374hijra. – 430 pp.*
19. *Shei, Aliakbar. Some Views Concerned with Dialectics. - Tehran: Mozyor publishing-house, 1386hijra. – 176 pp.*
20. *Harn Pol. Grounds of Persian Word Formation / Translated by Jalol Kholiqii Mutlaq. – Tehran, 1356hijra. – 190 pp.*